Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуқуқи кӯдак дар Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01- Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ пешниҳод шудааст**

Таҳлилҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки миллати тоҷик аз ҷумлаи халқиятҳои бофазлу хирадманде будаанд, ки пайваста баҳри некуаҳволии мардум талош варзида, аз рӯи ченаки ақл ва адл амал мекарданд ва мекӯшиданд то адолат дар ҷомеа ҳукмрон бошад, ки намунаи возеҳи ин гуфтаҳоро метавон аз Эъломияи Куруши Кабир пайдо кард.

Халқи тоҷик дар масири таърих ба ҳуқуқи инсон ҳамчун унсури марказии муносибатҳои ҷамъиятӣ пайваста таваҷҷуҳ намуда, бо ташаккул ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рӯи кор омадани манфиатҳои гуногун ҳимоя намудани ҳуқуқҳои барандагони (субъектони) махсуси ҳуқуқ, алалхусус кӯдакон бештар ба мушоҳида мерасад. Бояд тазаккур дод, ки кӯдак чун субъекти махсуси ҳуқуқи инсон пайваста ва дар ҳама ҳолат мавриди ҳимоя қарор дошт, вале имрӯз зарурати бештар барои баррасии ҳаматарафаи масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқи кӯдак ба миён омадааст. Ин бозгӯкунандаи арҷгузорӣ ба насли гузашта, имрӯза ва ояндаи миллат буда, ба ҳар фарди соҳибватан масъулият ва вазифаи баланди инсониву шаҳрвандиро вогузор менамояд.

Унвонҷӯ кори илмии худро аз ташаккул, инкишоф ва эътирофи ҳуқуқи кӯдак дар сарзамини таърихии тоҷикон оғоз намуда, баъдан рушди ҳуқуқи мазкурро дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор додааст, инчунин дар фарҷом хулоса ва пешниҳодҳои илман асосноки худро ба миён гузоштааст, ки метавонанд барои насли ояндаи миллат саҳмгузор бошад.

Анҷом додани тадқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф дар самти мазкур замина фароҳам меорад, то ин ки мушкилоти ифшонагардида ба таври илмӣ роҳи ҳалли худро ёбад ва дар таҳкими ҳуқуқи кӯдак мусоидат намояд.

Дар автореферати диссертатсияи унвонҷӯ ташаккул ва эътирофи ҳуқуқҳои кӯдак дар шароити кунунии Тоҷикистон ҳамчун низоми инкишофёбанда мавриди таҳлили пурраи илмӣ – назариявӣ қарор дода шудааст. Инчунин дар он асосҳои методологию назариявӣ, заминаҳои

меъёрӣ, навгониҳои илмӣ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола муайян карда шудааст.

Дар диссертатсия нуҳ нуктаи назариявӣ ва се амалии илмӣ ба ҳимоя пешниҳод шудааст, ки ҳамагӣ муҳим буда, дар илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ маҳсуб меёбанд.

Муаллифи диссертатсия давраҳои ташаккули эътироф ва ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдаконро дар ҳудуди Тоҷикистон ба таври аниқ нишон додааст. Ӯ давраҳои амали низоми ҳуқуқии зардуштия, мусулмонӣ, давраи амали ҳуқуқи шоҳаншоҳӣ (империявӣ), шӯравӣ ва давраи истиқлолиятро ҷудо намуда, оид ба ҳар як давраи номбаршуда андешаҳояшро баён сохтааст (саҳ 12).

Муаллиф дар натиҷаи тадқиқоти илмии анҷомдодааш ба хулосае омадааст, ки санадҳои қабулгардида дар даврони шӯравӣ барои Тоҷикистон аҳаммияти бузург доштанд, зеро дар солҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ теъдоди зиёди кӯдаконе, ки волидонашон қурбони ҷанг шуда буданд, аз минтақаҳои ҷангӣ ба Осиёи Марказӣ кӯчонида шуданд. Аксарияти онҳоро оилаҳои тоҷику ӯзбек ба воя расонидаанд (саҳ 22). Чунин нуқтаҳои илмии матраҳгардида боиси дастгирӣ мебошанд.

Яке аз нуктаҳои муҳимми барои ҳимоя пешниҳодшаванда аз он иборат аст, ки унвонҷӯ инкишофи ҳуқуқи кӯдакро ба 5 давраи таърихӣ ҷудо намудааст ва давраи сеюми он амали ҳуқуқи шоҳаншоҳӣ (империявӣ) дар сарзамини таърихии тоҷикон (аз соли 1864 – замони ишғоли Осиёи Миёна аз ҷониби Русияи подшоҳӣ то соли 1917 – Инқилоби Октябр)-ро дарбар мегирад. Хуб мешуд, ки зимни ҳимояи рисолаи илмӣ ба саҳми аъзои Шӯрои диссертатсионӣ зарурияти ба як давраи алоҳида ҷудо намудани онро шарҳ медод.

Аммо эроди мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳад, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳад, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб меёбад. Ғайр аз ин, дар кор баъзе камбудиҳои имлоиву мантиқӣ ҷой доранд, ки онҳо мазмуни кори илмии мазкурро паст намегардонанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати рисолаи илмии унвонҷӯ мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он ҷанбаҳои илмӣ пайдарпай ва дуруст баррасӣ гардида, он сазовори баҳои мусбат мебошад.

Бо дарназардошти нуктаҳои иброзгардида, дар маҷмӯъ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи омоданамудаи Шосаидзода Шаҳбоз Шосаид дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ҳуҳуҳи кӯдак дар Тоҷикистон» кори илмии анҷомёфта маҳсуб меёбад ва ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01. – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Мудири шуъбаи ҳуқуқи
Дастгоҳи Маҷлиси миллии
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Қурбонализода Н.Ш.